**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Шоҳмуҳаммад Сафар дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа, ва муҳтавои таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D060600 - Химия (6D060612 - Химияи биоорганикӣ ва 6D060604 - Химияи органикӣ), ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ кардааст, мувофиқ аз рӯи ихтисоси 6D060612 – Химияи биоорганикӣ б. 3, 5 ва 7

Аз рӯи ихтсисоси 6D060604 – Химияи органикӣ ба б. 1 ва 2 мувофиқ мебошад.

**Мубраммии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир таваҷҷуҳи олимони соҳаи химияро асосан пайвастагиҳои синтетикии дорои муфидияти зиёд дошта бештар ба худ ҷалб намудааст, ки муҳимтарини онҳо пайвастаҳои органикӣ ба шумор меравад. Ҳосилаҳои тарокумшудаи 1,3,4-тиадиазолӣ аз ҷумлаи пайвастаҳои гетеросиклии нитроген- ва сулфурдор буда, хосиятҳои назарраси фармакологӣ ва биологии васеъ дошта, мақоми баландро дар байни дигар пайвастагиҳои органикӣ доро мебошанд. Пайвастагиҳои мазкур дар соҳаҳои тиб, биология, тибби бойторӣ ва кишоварзӣ васеъ истифода мешаванд. Аз зумраи ҳосилҳои тарокумшудаи 1,3,4-тиадиазолӣ ҳосилаҳои бисиклии имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазолӣ, ки хосиятҳои намоёни биологиро нисбат ба ҳосилаҳои 1,3,4-тиадиазолӣ зиёдтар зоҳир менамоянд.

Кори диссертатсионии Сафарзода Ш.С. ба синтез ва омӯзиши хусусиятҳои физикӣ, химиявӣ ва биологии ҳосилаҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол бахшида шудааст. Аввалин маротиба хусусиятҳои морфологии растании гандуми ватании навъи “Ормон” дар асоси ҳосилаҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол омӯхта шудааст.

Дар автореферати дисертатсия ба масъалаи синтези пайвастагиҳои фаъоли биологи дар асоси ҳосилаҳои имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазол таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Хусусан, хусусиятҳои зиддимикробӣ дар шароити *in vitro*, зиддитуперкулёзӣ, зиддидиабетӣ дар шароити *in silico* ва ба баландии қад ва хушаи гандум дар шароити *in vivo* баррасӣ гардидаанд. Муаллиф тавонистааст 40 пайвастагии навро синтез намуда ва идентификатсия намояд, ки онҳо ба синфи ҳосилаҳои имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазол мансуб мебошанд. Натиҷаи муҳими дигари тадқиқот ошкор намудани қонунияти вобастагии байни сохтор ва фаъолияти биологии ҳосилаҳои имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазол мебошад. Натиҷаҳои омӯзиши *in silico* фаъолияти зиддитуперкулёзӣ ва зиддидиабетии ҳосилаҳои

имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазол нишон медиҳанд, ки моддаҳои мазкур хосияти қавӣ нисбат ба контроли мусбат нишон медиҳанд.

Кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати таҷрибавӣ ва назариявӣ дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда боэътимод ва асоснок мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Сафарзода Ш.С. дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол» пурра омода карда шуда дар он эродҳо дида намешаванд.

Автореферати диссертатсияи Сафарзода Ш.С. дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои докторӣ фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои биология, профессор,
узви вобастаи АМИТ, мудири
озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези
Институти ботаника, физиология ва генетикаи
растании АМИТ Абдуллоев А.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 299/2,
Тел.: (+992) 918-61-28-42,
E-mail: abdumanon@mail.ru

Имзои Абдуллоев А.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Карамов 27
Тел.: (+992-37) 224-71-88; 225-80-83. E-mail: ibfgr@bk.ru

«10» 04 соли 2026